20

МУОВИНИ САРВАЗИРИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР - МИНИСТРА
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид шинос карда шавад.

**Вазорату идораҳо**
(тибқи руйхат)

Барои корбарӣ ва иҷро.

Ба Ҷаборзода О. А.

**Марҳабо Ҷабборӣ**

№ 2/23-10

"01" июни 2015с

Протоколи №2/23-10
ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ

ш. Душанбе 23 июни соли 2015

**Раисӣ кард:** Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ **- Коҳир Расулзода**

Иштирок карданд:

| | |
|---|---|
| Қурбониён Абдусалом | Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-муовини Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ |

**Аъзои Комиссия:**

| | |
|---|---|
| Орунбекзода Шамсиддин | Вазири фарҳанг |
| Саид Нуриддин Саид | Вазири маориф ва илм |
| Салимзода Нусратулло | Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| Тағойзода Сумангул | Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| Зокиров Маҳмадтоҳир | Вазири кишоварзӣ |
| Усмонзода Усмоналӣ | Вазири энергетика ва захираҳои об |
| Шоҳмурод Рустам | Вазири адлия |
| Қодири Қосим | Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| Давлатзода Нусрат | Раиси Кумитаи андоз |
| Ғоиб Абдуфатоҳ | Сардори Хадамоти гумрук |
| Наҷмудинов С.М. | Директории Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа |
| Ҷаборзода Одил Абдуққаҳор | Сардори Раёсати молия |

**Даъватшудагон**

| | |
|---|---|
| Назриев Саидраҳмон | Муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдо |
| Холов Хайдар | Муовини якуми Вазири саноат ва технологияҳои нав |
| Мирзоев С | Муовини якуми Вазири нақлиёт |
| Муллоев Муҳамадӣ | Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ |
| Азиззода Зафар | Сардори Раёсати ҳуқуқ |
| Нурмаҳмадзода Ҷамшед | Раиси Бонки миллӣ |
| Убайдуллоев Амирҷон | Муовини Сардори раёсати молия |
| Каримов Ҷамшед | Муовини якуми Вазири молия |
| Қурбонов Сарвар | Сардори Сарраёсати Вазорати молия |
| Рустамов Суюнхон | Сардори Сарраёсати Вазорати молия |

**Рӯзномаи ҷаласа:** Баррасии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2016-2018.

**Баромад намуданд: Қоҳир Расулзода,** Қурбониён А. К., Давлатзода Нусратулло, Ғоиб Абдуфатоҳ, Қодири Косим, Назриев С., Холов Ҳ., Нуриддин Саид, Салимзода Нусратулло., Наҷмиддинов С. М.,ва Зокиров М.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2016-2018 баррасӣ ва муҳокима гардида, қарор қабул карда шуд:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2017-2018 маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузориҳоро, ки дар марҳилаи гуфтушуниду баимзорасӣ қарор доранд, ба инобат гирад.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи қисми даромади буҷетро аз рӯи намудҳои андоз, пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин таносуби ҳиссаи онҳоро аз рӯи фаъолияти иқтисодии дохилӣ ва берунӣ таҳлил карда, то баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» муайян намояд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шаванд, ки таҳияи лоиҳаи буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро барои соли 2016 тибқи тартиби муқаррargardида таъмин намоянд.

4. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2016 -2018 варианти мувофиқ (оптималӣ) ҳисобида шуда, ҳамчун асос маъқул дониста шаванд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шаффофияти ҷараёни таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2017-2018, «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳои хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2016 - 2018» ва афзалиятҳои соҳавиро барои маълумот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, онҳоро дар сомонаи вазорат ҷойгир намояд.

6. Дар соли 2016 афзалиятҳои соҳавӣ ба таври зайл муайян карда шаванд.

Барои соҳаи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ:

-баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

-дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он.

Барои соҳаи мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ:

- таъмини бехатарӣ аз сӯхтор;
- мукаммал гардонидани иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкили меҳнат ва рушди истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии қушунҳои сарҳадӣ.

Барои соҳаи маориф:

-рушди таҳсилоти томактабӣ;

-рушди низоми такмили ихтисос;

-муҷаҳҳазонидани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо таҷҳизоти таълимӣ.

Барои соҳаи тандурустӣ:

- пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил ва вараҷа;

-пешгирӣ ва барқарорсозии саломатии кӯдакони маъюб, аз ҷумла кӯдакони гирифтори нуқсони модарзодии дил ва табобати беморони гирифтори бемории гурда;

- мустаҳкам намудани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои тандурустӣ.

Барои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

- ислоҳоти нафақа ва таъмини саривақтии он ба аҳолӣ;

-вусъат бахшидани шабакаҳои Марказҳои будубоши рӯзона барои хизматрасонии иҷтимоии пиронсолону маъюбон ва кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- беҳтар кардани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти протезию ортопедӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли ватании воситаҳои техникии тавонбахшӣ.

Барои соҳаи фарҳанг:

-ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик;

-рушди санъати театрӣ ва санъати сирк дар ҷумҳурӣ.

Барои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ:

- таъмини чорабиниҳои коммуналӣ вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот;

- беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ;

- беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани ҳудуди майдонҳои ҷангалзор дар ҷумҳурӣ.

Барои соҳаи энергетика:

-таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар;

-сохтмон ва барқарорсозии нерӯгоҳҳои обии хурду миёна,

-ба роҳ мондани корҳои ҷустуҷӯи геологӣ дар соҳаи нафту газ ва ангишт;

Барои соҳаи кишоварзӣ:

- дастгирии барномаҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ;

- барқарор намудани қубурҳои баландфишори системаи ирригатсионӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ бо техникаи лозима ва зарурӣ;

- гузаронидани корҳои мелиоративӣ ва заминсозӣ.

Барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия:

- сохтмон, таъмиру барқарорсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- барӯйхатгирӣ ва шаҳодатномакунонии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаҳои роҳдорӣ.

7.Вазорату идораҳо таҳия ва пешниҳоди буҷети соҳавиро дар доираи афзалиятҳое, ки дар банди 6 Протоколи мазкур дарҷ гардидаанд, ба роҳ монда, аз ҳама намуди хароҷоти дуюминдараҷа, ки самарабахш нестанд худдорӣ намоянд ва хароҷотҳои соҳавиро аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ амалӣ намоянд.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон-
Раиси Комиссияи
доимоамалкунандаи буҷетӣ — Қоҳир Расулзода